“Тасдиқ менамоям”
Ректори Донишгоҳи славянии Россия
ва Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор
Золотухин Алексей Валеревич

аз “09” 10 соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Мутобиқатии диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти кори илмии Субҳонзода Икром Субҳон ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илмии ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқ мебошад: 1.Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 3.Қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир; 4.Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 6.Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 8.Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 9.Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак; 12.Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ; 17.Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ; 21.Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисод; 22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Муалифи рисолаи докторӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ба масъалаҳои муҳимтарини барои пешрафти Тоҷикстон зарурро мавриди

омӯзиш қарор дода, дар доираи он як қатор нишондиҳандаҳои имконпазири барои рушд заруриро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бинобар муҳим будани масъала муаллиф ба мавриди қайд намудааст, ки дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ ва ҳамзамон татбиқи ҳадаои стратегие, ки бо мақсади рушди устувори иқтисодӣ амалӣ гардиданд, заминаи боэътимоди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодиро барои тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварданд. Ин тадбирҳо ба густариши бемайлони шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии соҳибкорӣ дар бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, нақши бахши хусусиро ҳамчун омили асосии пешбурди муносибатҳои бозорӣ таҳким бахшиданд. Ҳамзамон, саҳми ин бахш дар ҳалли масъалаҳои стратегӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Дар воқеъ дуруст аст, ки вобаста ба заруриятҳои умумииқтисодӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодёти Тоҷикистон ва дигар самтҳои имконпазир, пеш аз ҳама дар самти аз нав кор карда баровардани маҳсулот, истеҳсоли молҳои содиротӣ ва ивазкунандаи воридот ба талаботи кунунӣ пурра ҷавобгӯй нест. Зарурати дигаргун сохтани таносуби содирот ва воридоти молҳои истеъмолӣ, ҳарчи бештар афзоиш додани истеҳсолоти молҳои содиротиву молҳои воридотивазкунанда ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат тақозо менамояд, ки масъалаи ба таври афзалиятнок инкишоф додани соҳибкории истеҳсолӣ дар мадди аввал гузошта шавад.

Муаллифи рисола дар диссертатсияи дохтории худ ба мавриди қайд намудааст, ки дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ вобаста ба имконияту иқтидори бахши соҳибкории истеҳсолӣ дар тағйир додани вазъи мусбати иқтисодиёти мамлакат мушаххас кардани механизмҳои воқеан таъсиррасони институтсионалӣ зарур аст, ки таҳқиқоти илмӣ оид ба вазъи соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои мухталифи саноати истихроҷ ва коркард ва комплекси агросаноатӣ бо назардошти муайянкунии самтҳои рушди он гузаронида шаванд ва ин ислоҳотҳо метавонанд дар тамини суботи иқтисодӣ ва рушди он дар Тоҷикстон мусоидати ҳаматарафа намоянд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар сатҳи арзёбиҳои илмӣ ва баҳодиҳӣ ба мавқи илмӣ ва амалии муаллиф навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии муайян

кардани афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир иборат буда он бо як қатор дастовардҳои мушаххас асоснок карда шудаанд, ки бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

- дар навгонии якуми илмӣ аз ҷониби докторант моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ ошкор карда шуда, таснифоти намудҳо ва шаклҳои соҳибкории муосир ҳамчун омезиши самараноки омилҳои инноватсионии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ба даст овардани рақобатпазирии корхона барои исботҳои илмӣ мушаххас гардида, ҳамзамон нақши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди муносибатҳои бозорӣ ва амалигардонии мақсадҳои миллии рушди кишвар асоснок карда шуда, ҳамзамон роҳҳои дар амал татбиқ намудани он ба таври ҳадафманд пешниҳод шудааст, ки воқеан қобили дастгирист (С. 25-76);

- дар навгонии дуюм бошад аз тарафи муаллиф муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ дар заминаи ошкоркунии рафтори девиантӣ ё ба таври дигар рафтори имконпазири дуршавии субъектҳои соҳибкорӣ аз масири бозории рушд ва принсипҳои рушди стратегии кишвар дар шароити сатҳи баланди на танҳо хароҷоти транзаксионӣ, балки хароҷоти ба истилоҳ фидусиарӣ, ё ба таври дигар, хароҷоти мутобиқшавӣ ба низоми бозор рушд карда коркарду ошкор шудааст, ки ҳар як равиши муҳими барои татбиқи масъала зарур пешниҳод ва арзёбӣ шудаанд. Ғайр аз ин, дар навгонии мазкур аз тарафи докторант исбот карда шудааст, ки тавсеаи амалияи банақшагирии индикативӣ яке аз механизмҳои асосӣ дар сатҳи рушди иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, пайгирии доимии ҳадафҳои ба рушд нигаронидашудаи марбут ба соҳибкории истеҳсолӣ, ки таъсири он ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зиёд аст ва маҳз ҳамин нишондиҳандаҳо дар сатҳи зарурӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ ва дар ниҳоят натиҷагирӣ шудаанд (С. 96-112);

- ҳамзамон дар навгонии дигари илмӣ методологияи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои афзалиятноки он дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти соҳибкориро дар иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳанд, баррасӣ гардида, дар он мавқеи худро вобаста ба натиҷаҳои назарраси илмӣ муайян намудааст, ки бевосита онҳоро дастовардҳои муаллиф гуфтан мумкин аст. Дар илова ба ин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси меъёрҳои пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ карда шаванд ва самтҳои

афзалиятноки рушди он ҳамчун "қутбҳои институтсионалии рушд"-и иқтисодиёти миллиро дар сатҳи зарурӣ муайян менамоянд ва ин имкон медиҳад, ки қадамҳои нав дар роҳи рушди устувор гузошта шаванд (С. 112-145);

- навгонии дигари илмии докторант вобаста ба арзёбиҳои масъалаи баррасишаванда ҳамчун зарурият дар алоқамандӣ бо равишҳои институтсионалӣ, дарки равандҳои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ аз нуқтаи назари омилӣ муайян карда шуд, ки барои қоҳиши вобастагӣ ба муҳити беруна дар самти воридот ва ҳамзамон, баланд бардоштани нерӯи содиротӣ, истифодаи як қатор имкониятҳоро дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт - саноат ва кишоварзӣ тақозо намуда, дар ин замина, зарурияти рушди имконияту иқтидорҳои дохилӣ дар коркарди ашёи хом, ба маҳсулоти тайёр мубаддал намудани он ва як қатор масъалаҳои дигар ба монанди коҳиши вобастагӣ аз воридот, афзоиши ҳаҷми содирот, дар маҳалҳо рушд додани истеҳсолоти илмталаб, бартараф намудани маҳдудиятҳои ба соҳаи кишоварзии ватанӣ хосбуда, қонеъ гардонидани талаботи зиёд ба як қатор захираҳои минералии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хом ва сохтани истеҳсолоти пурраи содиротӣ дар асоси кластерҳои истеҳсолӣ асоснок ва исбот карда шуд, ки ин масъалаҳо бевосита ба пешрафтҳои доимии бахшим соҳибкорӣ дар қолабҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд;

- докторант дар навгонии дигари илмии худ дар такя ба методологияи таснифи соҳаи саноати коркард вобаста ба сатҳи рушди технология (таҳияи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд - СҲИР) таҳлил гузаронида, муайян намудааст, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан, дар соҳаҳои пасти технологӣ (36,4%) мутамарказ гардида, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд дар фаъолияти онҳо 2,6 фоиз, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст бошад 21,9 фоизро ташкил медиҳанд ва ҳамзамон, зарурати тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои мутамарказонидании фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои миёнаи технологиро, ки ба содироти кишвар бартарӣ дорад, муайян намуда, роҳҳои татбиқи онро низ пешниҳод намудааст;

- ҳамчунин аз тарафи муаллиф вижагиҳои соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ ошкор ва асоснок карда шуданд; дар сатҳи нокифоя қарор доштани имкониятҳои истеҳсолӣ вобаста ба қитъаи замин, дар ҳамин замина баъзе мавҷудияти маҳдудиятҳо вобаста ба норасогиҳои ҷойдошта, сатҳи нокифояи дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявию қарзӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо, тағйирёбандагиҳои иқлимӣ ва сатҳи таъсирасонии онҳо, баланд будани шиддати хавф дар истеҳсолот, ки дастгирии давлатӣ

ва суғуртакуниро тақозо менамояд, гуногунии хоҷагиҳо вобаста ба шакли хуқуқии он ва як қатор масъалаҳои дигар, ки ба шароити хок ва иқлим вобаста аст баррасӣ шуда дар ин самт муаллиф ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (С. 146-185);

- дар навгонии дигари илмӣ муаллиф афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро вобаста ба амалисозии ҳадафи миллӣ, алалхусус, саноатикунонии босуръат асоснок намудааст, ки рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ҳам бо афзоиши иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ва ҳам зарурати диверсификатсияи соҳавию бахшии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар сатҳи он муҳити рақобатпазирӣ авлавият мавҷуд аст, баррасӣ намуда дар ин замина ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (саҳ 205-225);

- дар ниҳоят аз ҷониби докторант вобаста ба баназаргирӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи институтсионалӣ бодарназардошти таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ, ки бевосита ба рушди доимии соҳаи саноати кишвар бо истифода аз омилҳои соҳибкорӣ бо роҳи баланд бардоштани мавқеъ ва нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ равона карда шудааст, самтҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ, асоснок карда шуданд. Дар робита ба ин, масъалаҳои мубрами дастгирии бахши соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба он, яке аз масъалаи калидие мебошад муаллиф дар сатҳи заруӣ дар арзёбӣ ва натиҷагирии ин масъала ба дастовардҳо ноил гардидааст (С. 252-296).

Вобаста ба дигар ҷанбаҳои мушаххасоти таҳқиқоти илмӣ, автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуни диссертатсияи илмиро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд комилан мувофиқат мекунад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ натиҷаҳо ва эътимоднокии равишҳои истифодашуда ва ҳамзамон пешрафтҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ аз як қатор унсурҳои муҳим асос ёфтаанд. Дар илова ба ин, тамои хулоса ва пешниҳодҳое, ки натиҷа ва муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар конференсияву семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: «Проблемаҳои идоракунии рушди инсонӣ ва ҷавонон» (Душанбе, 2012), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои рушди устувори соҳикборӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ”

(Душанбе 2024), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи "Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе 2024) дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардида, аз ҷониби ҷомеаи илмӣ хуб пазируфта шудааст ва ҳамаи ин дараҷа ва сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро дар сатҳи зарурӣ инъикосменамояд.

Хулоса ва сохтори диссертатсия. Кори илмии тақризшаванда аз муқаддима, 5 боб, 14 зербоб, хулосаю пешниҳод ва рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 304 номгӯй иборат буда, дар 351 саҳифаи матни компютерӣ навишта шуда, 36 ҷадвал, 8 расм ва 9 диаграммаро дар бар мегирад.

Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми бозории хоҷагидорӣ" соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ, таснифоти намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир, инчунин, равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мушаххасоти боби мазкурро дар бар мегирад, аз тарафи муаллиф ба таври зарурӣ риоя шудааст.

Муаллифи рисолаи илмӣ дар боби якуми рисолаи илмӣ, ки он ба асосҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми бозории хоҷагидорӣ бахшида шудаанд ба як қатор масъалаҳои муҳими назариявию методологӣ такия намуда, бештар ба мушаххасотҳои зерин: таснифи таърифоти вожаи «соҳибкорӣ» аз мавқеи хронологӣ баррасӣ ва мушаххасоти он муайян карда шудааст, ки ин яке аз қисматҳои навгонии илмӣ мебошад (С. 34), ҳамичунин ташхиси шаклҳои гуногун ва муосиркардашудаи фаъолияти соҳибкорӣ муайяну пешниҳод шудааст, ки масъалаи мазкур қобили дастгирӣ мебошад (С. 47), дар фароянди он, аз тарафи докторанд сохтори соҳавии шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир муайяну пешниҳод шудааст (С. 52), дар илова ба ин, аз тарафи муаллиф SWOT–таҳлили афзалият, имконият ва дурнамои рушди соҳибкории истеҳсолӣ-инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир коркарду пешниҳод шудааст (С. 57-58), ҳамзамон, дар мушаххаснамоии таснифоти шаклҳою намудҳои соҳибкорӣ аз рӯйи меъёри таъиноти функсионалию доираи фаъолият таҳлилҳо гузаронида шуда, имкониятҳои нав пешниҳод ва пешбинӣ шудаанд (С. 64), шаклҳои таваккал дар соҳибкорӣ (С. 73), барои хулосабарориҳои амиқи илмӣ муаллифи рисолаи докторӣ омӯзиши равишҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар

ҶТ-ро таҳқиқ намуда, дар ин самт ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (С. 81). Дар баробари ҳамаи ин, равишҳои гуногуни рушди фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар доираи он ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардида, сатҳи самари онҳоро дар доираи фаъолиятҳои иқтисодӣ мушаххасан пешниҳод намудааст. Ҳамзамон бо ин, тарзу усулҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро низ мавриди баррасӣ қарор дода, дар заминаи он роҳҳо ва омилҳои нави рушдро дарёфт намудааст.

Дар боби дуюм "Субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд»-и иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар асоси усулҳои таърихӣ ва мантиқии дарки воқеияти асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ, методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ, афзалиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, дар ин самт хулосаҳои мушаххас ва ҳадафманд бароварда шудаанд.

Дар боби дуюми рисолаи илмӣ муаллиф ба як қатор мушаххасоте такия намудааст, ки дар он равишҳои методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва як қатор барномаву стратегияҳои муайяни соҳави ҳамчун механизми ба рушд расонидани бахши соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд (С. 106-107). Ҳамчунин, барои муайян намудани ҷанбаҳои дигари ин соҳаи муҳим афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шуда, (С. 116), иловатан матритсаи таснифи соҳибкории истеҳсолӣ барои муайян кардани афзалиятҳои рушди онҳо дар иқтисоди миллӣ (С. 123), шумораи субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (С. 128), таснифоти соҳибкорони инфиродӣ (С. 132), таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо (С. 135), таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (гушти мурғ, ҳасиб, шир, маҳсулоти қаннодӣ ва орд) аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо (С. 138), таносуби истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (консентрати сурб, консентрати сурма, нафт ва ангишт) аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ ва дигар ширкатҳо (С. 139) баррасӣ гардида, дар асоси натиҷаҳои таҳлил ва мушаххасоти имконият ва мушкилотҳо дархосту пешниҳодҳои ҳадафманд манзур шудааст, ки дар воқеъ қобили қабул ва барои рушди соҳа муфид, муҳим ва зарурӣ мебошанд. Арзёбиҳои муаллифӣ бар он гувоҳӣ медиҳанд, ки таҳқиқот махсусан дар боби дуюм ба таври амиқ анҷом гирифта, дар он як қатор имкониятҳои нави барои рушд ниигаронидашударо дарёфт кардан мумкин аст.

Дар боби сеюм "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди афзалиятноки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат" таҳлили рушди соҳибкорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи саноатикунонии босуръат, афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар мисоли саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳо ва шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати интегралии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар кишвар баррасӣ карда шуданд.

Дар ҳамин робита таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи саноатикунонии босуръати кишвар зоҳир гардидааст, ки ин таъсиси саноати миллии рушдёбандаи рақобатпазир ва дар ин замина таъмин намудани рушди иқтисод ва некуаҳволии мардуми кишварро дар бар мегирад. Барои арзёбӣ ва баҳодиҳии дурусти масъалаи таҳқиқ: баъзе нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, динамикаи ҳаҷми истеҳсол ва суръати афзоиши бахшҳои саноат, сохтори бахшҳои саноат, суръати афзоиш ва ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар ҳаҷми умумии саноати кишвар, ҳаҷм ва суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи бахш-ҳои асосии саноат, сохтори саноат аз рӯйи бахшҳои асосӣ, ҳаҷм ва вазни таносуби минтақаҳо дар сохтори саноат, таснифоти соҳаҳо аз рӯйи дараҷаи технологӣ, суръати рушди маҳсулоти саноатӣ, хусусиятҳои марҳилаҳои рушди саноатии кишвар, сохтори бахшҳои саноат, сохтори ММД-и Тоҷикистон аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ, баъзе нишондиҳандаҳои ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, содироти маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, содирот ва воридоти маҳсулоти саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳсол ва содироти нахи пахта, калобаи пахтагин ва маҳсулоти дӯзандагӣ (С. 148-200) ва як қатор нишондиҳандаҳои дигари марбут ба бахши соҳибкорӣ ва содирот таҳқиқ гардидаанд, ки дар ин самт муваффақиятҳои унвонҷӯро ба таври мушаххас мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар боби чорум "Вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳлили вазъи рушди шаклҳои ҳамгирошудаи соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноати Тоҷикистон гузаронида шуда, хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти соҳибкории аграрӣ дар кишвар муайян гардида, як қатор механизм ва омилҳои ба рушд нигаронидашуда пешниҳод шудаанд.

Дар арзёбӣ ва баррасии вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба як қатор масъалаҳои муҳим таваҷҷуҳ зоҳир гардида, дар доираи ин барои арзёбии дурусти масъалаи мавриди таваҷҷуҳ махсусиятҳои соҳибкории кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, истеҳсоли навъҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ дар гурӯҳҳои гуногуни хоҷагиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар тамоми гурӯҳҳои хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазни нисбии бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҷумҳурӣ, вазни нисбии бахшҳои мухталифи хоҷагидорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, таркиби маҷмуи маҳсулоти растанипарварӣ, чорводорӣ ва хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои таъмин ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир (С.207-242) ва як қатор маъала ва мавзӯҳои муҳимро дар ин қисмат баррасӣ намудааст, ки дар заминаи боварӣ ҷанбаҳои аосӣ таҳия ва таҳлил шудаанд.

Дар боби панҷум "Афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", бо дарназардошти захираҳои омилии кишвар, масъалаҳои кластеризатсия ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ, мушкилоти рақамисозии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ ва зарурати сармоягузорӣ ба иқтисодиёти "сабз" ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ баррасӣ карда шудааст.

Дар ин радиф, муаллифи рисолаи илмӣ ба равиши кластерӣ ба самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ки он метавонад самаранокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳоро ба таври назаррас афзоиш дода, ба муҳити инноватсионӣ ва динамикии тиҷорат мусоидат намояд, таваҷҷуҳ карда, ба масъалаҳои маълумот дар бораи кластерҳои коркарди пахтаи хом то маҳсулоти тайёр (С. 163), пешгӯйӣ ва тағйири миқёси истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъ тавассути ташкили кластерии соҳибкории истеҳсолӣ (С. 164), пешгӯйии истеҳсоли нахи пахта, ришта ва матоъ ҳангоми васеъкунии соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои иловагии кишвар (С. 266), бартарият ва афзалиятҳои рақамикунонии истеҳсолот дар муҳити имрӯзаи иқтисодӣ (С. 269) ба таври васеъ баррасӣ гардида, ҳамчун воқеият ба "Стратегияи миллии рушди истеҳсол, коркарди пахта ва саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040"

нуқтаҳои ҳудудии рушди кластерҳоро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад, аммо аз нуқтаи назари рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ, иқтидори рушди онро дар ин самт, дар дигар 10 ноҳияи калоне, ки дар онҳо кишти пахта амалӣ карда мешавад, низ бояд қайд кард: дар вилоти Суғд – ноҳияи Мастчоҳ; дар вилояти Хатлон – шаҳру ноҳияиҳои Бохтар, Левакант, Панҷ, Данғара, Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Кушониён ва Вахш ва монанди инҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки дар умум қобили дастгирӣ ва ба манфиати рушди иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.

Дар ҳошияи ҳамаи ин хулосаи рисолаи илмӣ муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шудааст ва пешниҳоду тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Ҷанбаҳои таҳқиқи равишҳои илман асоснокшудаи таҳқиқоти илмиро асарҳои гуногунмазмуни олимону коршиносони дохилию хориҷӣ дар самти дастгирӣ ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳамчунин дастгирии доимии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки мушаххасоти қисми зиёди ин натиҷаҳоро дар шакли фишурда маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ ташкил медиҳад. Ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ, медодологӣ ва дигар равишҳои таҳқиқоти илмӣ бевосита ба равандҳои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шакл ва сохторҳои гуногун акс ёфтааст, ки ҳамаи ин бевосита равишҳои илмӣ ва амалии таҳқиқотро дар сатҳи зарурӣ инъикос намояд.

Асосҳои методологии таҳқиқот ба принсипҳо ва консепсияҳои илмии рушди соҳибкории истеҳсолӣ такя менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои таҳияшуда маҷмуи равишҳои методологӣ, аз ҷумла таҳлили ҳамаҷониба барои омӯзиши мушкилот, арзёбӣ вобаста ба нишондиҳандаҳо, хулосаҳои омилӣ, асосҳои баҳодиҳии сохторӣ, таҳлили муқоисавӣ баҳри муқоисаи маълумот ва равишҳои гуногун, таҳлили функсионалӣ, инчунин, усулҳои таҳлил ва синтез барои декомпозитсия ва ҷамъбасти иттилоот ва усулҳои индуксия ва дедуксия барои ташаккули хулосаҳо дар асоси қонуниятҳои хусусӣ ва умумӣ истифода гардидаанд. Дар баробари ин, натиҷаи таҳқиқот дар таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Микроиқтисод», «Иқтисоди минтақавӣ» инчунин курсҳои такмили ихтисоси устодони факултаҳои иқтисодии кишвар метавонад истифода шавад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, муаллиф дар маҷмуъ 41 мақолаҳои илмиро ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст, ки ҷавобгӯй ба талаботи муқарраргардида мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳияи диссертатсия дар мувофиқа бо талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва дигар маводҳои илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон аз 27 декабри соли 2024, №493) сурат гирифтааст. Муқаддима ва бахшҳои кори илмӣ, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, манбаҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои муҳим ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тобеи талаботи мазкур мебошанд. Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия. Дар баррасӣ ва арзёбиҳои илмӣ бояд гуфт, ки новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва ҳамзамон гуфтан мумкин аст, ки камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад ва зикри баъзе бандҳои он мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ хуб мешуд агар докторант баррасии равишҳои назариявӣ ва методологии рушди фаъолияти соҳибкориро аз нуқтаи назари таъсири омилии онҳо баррасӣ намуда, бо ягон расм ё ишораҳои дигар онро нишон медод;

2. Сифати рисолаи илмӣ беҳтар мегардид агар муаллифи рисола дар баробари афзалияту бартариятҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба масъалаи ҷараёнҳои осебпазирии ин бахш маълумот медод, мувофиқи мақсад буд.

Зеро дар баробари афзалиятҳо ҳануз дар ин самт муаммоҳои зиёд ба назар мерасанд;

3. Муаллифи рисолаи илмӣ дар боби сеюм асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди афзалиятноки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноатро баррасӣ намуда, дар ин самт мувафақ шудааст. Аммо, таҳқиқот боэътимодтар мегардид агар муаллиф роҳҳои баландбардории омехтагии нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ қарор медод;

4. Дар боби чоруми рисолаи илмӣ муаллифи рисола ба муҳимтарин масъалаҳои вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, аммо дар таҳқиқи самти мазкур вобаста ба нишондиҳандаҳо, баъзе натиҷа ва пешниҳодҳо агар васеътар инъикос мегардид, сифати кор бозҳам беҳтар мешуд;

5. Дар боби панҷуми рисолаи илмӣ вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосабарориҳои натиҷавӣ аз тарафи муаллиф, баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ва пешниҳодҳое, ки хосияти умумӣ доранд ҷой дорад.

6. Муаллифи кори илмӣ дар раванди таҳқиқот шаклҳои нави фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои дахлдори мушаххасро пешниҳод намудааст. Агар аз ҷониби муаллиф шаклҳои инноватсионии соҳибкорӣ боз ҳам мукаммалтар инъикос мегардид, хубтар мешуд.

Бояд иброз намуд, ки норасоиву эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сатҳи баланди илмии диссертатсияи докторӣ таъсири манфӣ намерасонанд ва дар сурати баинобатгирии онҳо илман таҳқиқот ҷараёнҳои дигарро низ инъикос менамуд.

Хулоса. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи тақризшаванда Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31 ва 33–и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин, қобили қабул мешуморем, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Субҳонзода Икром Субҳон дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

Тақриз дар ҷаласаи кушоди якҷояи кафедраҳои “Назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳон” ва “Менеҷмент ва маркетинг”-и

Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 4 аз 28 октябри соли 2026).

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 12 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва
иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон,
д.и.и., профессор **Қодирзода Д.Б.**

Ташхисгар:
Профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Амонова Д.С.

Котиби ҷаласа:
дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва
иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент ..... Фозилхонов Д.О.

“Имзои Қодирзода Д.Б., Амонова Д.С. ва Фозилхонов Д.О.-ро тасдиқ мекунам”

Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон, Боровитская Л.А.
«29» «10» 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025 ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30. E-mail: p.rektora@mail.ru, тел: (+992-37) 221-35-50